“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
_____________Н. Ғаффорӣ
“ 11 ” 06 _____________2022

# ХУЛОСАИ

## ҷаласаи Шӯрои олимони факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи унвонҷӯ Обидов Рустам Ҳошимович «Таърихи пайдоиш ва ташаккули бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли филиали бойгонии маркази ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ омода гардидааст.

Обидов Рустам Ҳошимович соли 2016 факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси таъриху архившиносӣ хатм намудааст.

Дар давраи омода намудани рисола аз соли 2018 инҷониб Обидов Рустам унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ маҳсуб меёбад. Дар ин муддат, дар вазифаи бойгоншиноси калон дар филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор фаъолият мекунад.

Мавзӯи рисолаи унвонҷӯ Обидов Рустам Ҳошимович «Таърихи пайдоиш ва ташаккули бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли филиали бойгонии маркази ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор)» зери роҳбарии Муҳидинов Саидалӣ Раҷабович - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва ватании факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон

тибқи қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти № 5/5.4. аз 21 декабри соли 2018 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсияи унвонҷу Обидов Р. Ҳ. дар маҷлиси кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28 октябри соли 2020, протоколи №4 муҳокима гардидааст.

**Аз рӯйи натиҷаи муҳокимаи рисолаи** унвонҷӯ Обидов Р. Ҳ. «Таърихи пайдоиш ва ташаккули бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор)» хулосаҳои зерин пешниҳод мегарданд:

**Баҳодиҳӣ ба иҷрои диссертатсия.** Рисолаи илмии Обидов Рустам, ки бо пешниҳоди муқарризони холис "Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон" номгузорӣ шуд, тадқиқоти мустақилона анҷомдодашуда маҳсуб ёфта, ба ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқ аст.

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсионӣ омӯзиши маҷмӯии таърихи навтарини Тоҷикстон дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ва муайянсозии роҳҳои ташаккули Филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор - ҳамчун қисми таркибии Бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

**Навгониҳои таҳқиқот** аз он иборат аст, ки мавзӯи мазкур бори аввал ҳамчун объекти маҷмӯии таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст ҳуҷҷатҳои хазинаҳои БМДТ ва хазинаҳои ФБДМТ дар ш. Ҳисор ба доираҳои таҳқиқоти илмӣ ворид гардидаанд. Бахусус, ҳуҷҷатҳои нодири бойгониҳои зикршуда роҷеъ ба сохтмони Канали Калони Ҳисор, таърихи ноҳияҳои Ҳисор, Регару Пахтаобод дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), зилзилаи Ҳисор маълумотҳои муфид медиҳанд. Дар асоси сарчашмаҳо ва навтарин асарҳои илмӣ

Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ва мавқеи истифодабарии он дар асри XX ва ибтидои асри XXI омӯхта шуда, моҳияти таърихии истифодаи ин маркази ҳуҷҷатҳои муқаддас мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Дар рисола заминаҳои ташаккулёбии бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Ҳисор таҳлил карда шудааст. Муаллиф дар рисола заминаҳои таърихии пайдоиши бойгониҳоро дар Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин фароҳамоварӣ, таркиби хазинаҳо, истифодабарӣ ва усулҳои нигаҳдории ҳуҷҷатҳои филиали бойгонии марказии давлатиро дар шаҳри Ҳисор инъикос кардаст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти илмии мустақилона мебошад. Дар ҳама марҳилаҳои диссертатсия: иҷрои нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъ ва коркарди маводи назариявӣ ва методӣ муаллиф мустақилона фаъолият намудааст. Дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф таърихи пайдоиш ва ташаккули бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор асоснок карда шудааст.

**Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқот** метавонанд мустақиман ҳамчун маводи таълимӣ ва илмӣ барои таҳқиқотҳои соҳаи таърих истифода шаванд. Ҳамзамон, маводи рисолаи мазкурро метавон зимни таҳияи таърихи навтарини халқи тоҷик, бахусус омӯзиши таърихи ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав ва Турсунзода истифода кард. Илова бар ин, маводи мазкурро метавон дар ихтисосҳои таърих ва таъриху бойгоншиносӣ ба сифати курсҳои тахассусӣ истифода намуд.

**Усулҳои таҳқиқот**. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои таҳлили назариявӣ, таърихӣ, илмӣ, таҳлилию қиёсӣ истифода шудаанд.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки ба таври маҷмӯӣ вобаста ба проблемаи ба миёнгузошта асарҳои илмии олимон ва мутафаккирони рус ва ватанӣ ба таври

объективона аз рӯйи принсипи таърихӣ бо такя ба факту далелҳои таърихӣ омӯхта шудааст.

**Таҳқиқоти диссертатсиони мазкур** ба талаботҳои шаҳодатномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси **07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ** мутобиқат мекунад.

Муаллиф дар доираи мавзӯъ 4 мақолаи илмии дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон батабърасида ва 2 маърӯза дар маҷмӯаи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, як монография ва як брошура ба нашр расонидааст.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗӮЪ:

### А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

1. Обидов Р.Ҳ. Заминаҳои таърихии пайдоиши бойгониҳо дар Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Р.Муҳидинов, Р.Ҳ. Обидов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2020. - №2(85). - С. 204-210.

2. Обидов Р.Ҳ.Ташкилёбии бойгониҳои байниидоравӣ дар ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав ва Турсунзода //Паёми Донишгоҳи миллӣ.-2020.-№7.- - С.118-122.

3. Обидов Р.Ҳ. Таъмини хифз,нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар филиали бойгонии марказии давлаӣ дар шаҳри Ҳисор//Паёми Донигохи миллӣ.-2020.-№9.- С.132-138.

4. Обидов Р.Ҳ.Ноҳияи Ҳисор дар замони Шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол //Паёми Донишгоҳи миллӣ.-2020.-№10. - С.124-130.

### Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:

5. Обидов Р. Ҳ. Бойгонӣ – ганҷинаи таърих).(дар ҳаммуаллифии Ҷ.С Лангарӣ).-Душанбе: Эр-граф, 2018.- 87 с.

6. Обидов Р. Саҳифаҳои таърихи бойгонидорӣ (дирӯзу имрӯз).(дар ҳаммуаллифии Ҷ.С Лангарӣ). -Душанбе: Промэкспо, 2019.-176 с.

7. Обидов Р. Бойгонӣ ҳифзкунандаи таърих. - Хисор:матбааи Ҳисор, 2019.- 152 с.
8. Роҳнамо (Маълумотномаи мухтасар оид ба хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор) /Мурат.:Лангари Ҷ.С.,Обидов Р.-Душанбе: Ирфон, 2017.-46 с.

9. Қоидаҳои асосии кори бойгонидорӣ дар бахшҳои бойгонии мақомоти иҷроия. /Мураттиб: Р. Обидов.- . -Душанбе: Промэкспо, 2019.- 54 саҳ.

Дар маҷмуъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Бо дарназардошти натиҷаҳои муҳокима,

**қарор карда шуд:**

1.Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷик Обидов Рустам Ҳошимович “Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти мустақилона анҷомдодашуда буда, ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст.

2. Диссертатсияи унвонҷӯ Обидов Рустам Ҳошимович “Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва

мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз аз 04. 05. 2022, протоколи №10 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 16 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси Шӯрои олимони факултет:
доктори илмҳои таърих, профессор: Ҳусайнов А.Қ.

Муқарриз:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
н.и.т.,дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ: Неъмонов Б.

Муқарриз:
н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ Сайнаков С. П.

Котиби илмии Шӯрои олимони факултет: Ганҷакова М.Г.

Суроға:734003, г. Душанбе, хиёбони Рудакӣ121
Телефон: +992 (37) 2241383;
Почтаи эл.: tgpu.tj@mail.ru

«Имзои Ҳусайнов А.Қ., Ганҷакова М.Г. ва Сайнаков С. П. - ро тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Назаров Д.Қ.

«Имзои н.и.т., дотсент Неъмонов Б. - ро тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.